# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи номзадии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - пегагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Бояд зикр кард, ки рисола ва автореферати **Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи** «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» ба масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули тарзи тафаккури илмӣ дар раванди татбиқи курси химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо роҳандозӣ намуда фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳо пешниҳод кардашуда арзёби намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзӯи тадқиқоти мазкур дар он аст, ки ватандӯстӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта ва муҳимтарин хусусияти таъсиргузории ӯ ба муҳит ва ҷомеа ҳисобида мешавад. Зеро маълум аст, ки солҳои охир бо мураккаб шудани вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ, вусъат гирифтани таҳдиду хатарҳои замони муосир, беш аз пеш, арзиши Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дар умум, пойдории давлатдории миллӣ масъалаи мубраму муҳим маҳсуб гардида, таҳқиқи усулҳои муосир ва тадқиқи роҳҳои муассири ин мавзуъ амри зарурӣ ва иҳтиёҷ ба ковишҳои илмӣ гаштааст.

- Муҳиммияти таҳқиқоти Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин ҳамчунин ташаккули эҳсоси ватандӯстиву худогоҳии

хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи осору таҷрибаи амиқи ниёгонро бодарназардошти падидаҳои замони муосир мавриди омӯзишу таҳлили мушаххас қарор дода, самтҳои афзалиятнокро дар ин ҷода муайян намудааст

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳакиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Асоси методологии таҳқиқотро қазияҳои асосгузорандаи фалсафа, педагогика, психология, инчунин санадҳои қонунгузории мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳое, ки ба азнавсозӣ ва муносибгардонии ҷараёни таълим ва тарбия равона шудаанд, ташкил доданд.

- Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот муҳтаво ва мундариҷаи возеҳу равшан, шаклу равишҳои тадрис, ки боровари раванди тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанни кишваршиносӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин мекунанд, аз ҷониби диссертант дар амалияи корҳои тарбиявӣ ва корҳои фориғаздарсӣ асоснок ва ба таври таҷрибавӣ санҷида ва пешниҳод шудааст.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, раво ва устокорона иҷро карда шудааст.

Рисолаи илмии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01 - пегагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Декани факултети филологияи руси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарифзода Одинамо Пирназар

27.08.2024с.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел. (+992 33 22) 2-35-06 e-mail: info@kgu.tj

Имзои Шарифзода О.П.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РККМ ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

27.08.2024с.